Ба Шурои диссертатсионии 6Д. КОА-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи
ш. Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов 64/14
E-mail: faridullo72@mail.ru

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Вализода Шавкат Шаробудин дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Вализода Шавкат Шаробудин, ки дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ» барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмҳои иқтисодӣ ба Шурои диссертатсионии 6Д. КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод шудааст, дар доираи шиносномаи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз иҷро шуда, ба қисми 2 зербандҳои 8. системаи пулӣ ва механизми гардиши пулӣ, 8.3. пул дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ. Шаклҳои пул ва пулҳои қалбакӣ. Пулҳои электронӣ: вижагиҳо, идоракунӣ ва дурнамои рушди онҳо; 8.4. механизми гардиши пули нақдӣ ва ғайринақдӣ; 8.8. ташкили системаи самараноки пардохтӣ ва афзоиши ҳаллу фасли буҳрони пардохтӣ мувофиқат мекунад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Диссертатсияи Вализода Шавкат Шаробудин дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ» мувофиқ ба талаботи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди низоми пардохтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 иҷро шудааст.

Низоми пардохтӣ ва хусусан рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисодӣ ва молиявӣ буда, ба таъмини шаффофият, муайян намудани захираҳои воқеии молиявӣ, коҳиш додани иқтисодиёти ғайрирасмӣ, рушди иқтисодиёти рақамӣ, устувории молиявию иқтисодии мамлакат, самаранок истифодабарии воситаҳои пулӣ, бехатарии амалиётҳои бонкӣ, паст намудани хароҷотҳо вобаста ба муомилот баровардани пули нақд,

тезонидани суръати гардиши пул ва депозитҳои бонкӣ мусоидат менамояд. Мутассиффона дар ҷумҳурӣ ҳиссаи пулҳои ғайринакдӣ дар ҳаҷми пул (М2) хело кам ва ташвишовар мебошад.

Тибқи таҳқиқотҳои унвонҷӯ ва рақамҳои дар кори диссертатсионӣ овардашуда ҳаҷми пулҳои ғайринакдӣ дар ҳаҷми пули (М2) соли 2022 дар Федератсияи Россия – 81,3 фоиз, Қазоқистон – 87,7 фоиз, Ӯзбекистон – 79,6 фоиз, Озарбойҷон –55, Тоҷикистон – 18 фоизро ташкил медиҳад.

Гуфтаҳо ва рақамҳои болоқайдшуда зарурият ва саривақтии муайяннамудани роҳҳои мукаммалгардонӣ ва рушди низоми пардохтии ғайринақдиро дар кишвар, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ва мубрамии мавзуъро исбот менамояд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия** бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд. Навгониҳои илмии Вализода Шавқат Шаробудин на танҳо дар самти «Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ» ҳиссаи арзанда дорад, ҳамчунин дар омода намудани пешниҳодҳо ҷиҳати рушди пардохтҳои ғайринақдӣ ва зиёд намудани саҳми пардохтҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулӣ ва кам кардани ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ аҳамияти амалӣ доранд.

Нуктаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки ҳамчун навгониҳои илмӣ баррасӣ шудаанд, аз бандҳои зерин иборат мебошанд.

- дар натиҷаи таҳлили таҳаввули назариявии низоми пулӣ, низоми пардохтӣ ва пардохтҳои ғайринақдӣ, ақидаҳои олимони классикӣ ва муосири илмҳои иқтисодӣ, инчунин олимони ватанӣ оид ба масъалаи мазкур таҳқиқ гардида, нақши пардохтҳои ғайринақдӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ ва нуктаҳои илмии ин мавзӯъ муайян карда шуд.

- дар асоси таҳқиқи ҳаматарафаи моҳияти иқтисодӣ ва хусусиятҳои хоси пардохтҳои ғайринақдӣ аз ҷониби муаллиф мафҳуми низоми пардохтии ғайринақдӣ чунин пешниҳод шудааст: Низоми пардохтии ғайринақдӣ ин низоми иҷрои амалиётҳои молиявӣ ба воситаи техника ва технологияи муосири иттилоотию коммуникатсионӣ бидуни иштироки бевоситаи пули нақд буда, бо принсипҳои саривақтӣ, таъминокӣ, мунтазамӣ, бехатарӣ асос ёфта, раванди иҷрои он бо қонунҳои давлатӣ ва қоидаҳои бонкӣ бо назардошти пешрафти илму техника танзим ва такмил карда мешавад.

- бо истифода аз усулҳои мухталифи таҳлили иқтисодӣ арзёбии вазъи воқеии истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ амалӣ гардидааст. Муайян карда шудааст, ки саҳми пардохтҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар назаррас набуда, доираи маҳдуди хизматрасониҳои давлатӣ ба тариқи ғайринақдӣ пардохт шуда, танҳо марказҳои нисбатан бузурги савдо аз

технологияҳои муосири пардохтии ғайринақдӣ истифода менамояд. Ҳамчунин муайян гардидааст, ки истифодаи васеи пардохтҳои ғайринақдӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва кам намудани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ таъсири калон расонида метавонад, вале раванди ғайринақдикунонии соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба талаботи шароити муосир ҷавобгӯ намебошад.

-таҷрибаи андӯхтаи кишварҳои дар самти истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ пешрафта омӯхта шуда, муайян гардид, ки дар бештари кишварҳои рушдёфта низоми пардохтии ғайринақдӣ ба таври пурра ҷорӣ гардида, саҳми пардохтҳои ғайринақдӣ зиёда аз 90 фоизро ташкил медиҳад, ки ин омили асосии рушди иқтисодиёт, татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва кам гардидани иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар ин кишварҳо гардидааст.

-дар асоси омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ, тамоюли истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ ва ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ самтҳои афзалиятноки мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ муайян гардида, барои амалигардонии онҳо тадбирҳои амалӣ пешниҳод гардидааст.

-омилҳои мусбии иҷтимоию иқтисодии истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ муайян гардида, механизми ҳавасмандгардонии истифодаи бештари пардохтҳои ғайринақдӣ аз ҷониби соҳибкорон ва аҳолӣ пешниҳод шудааст. Инчунин муайян карда шуд, ки рушди пардохтҳои ғайринақдӣ яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодиёти рақамӣ ба ҳисоб рафта, барои ғанигардонии буҷети давлатӣ ва беҳтаршавии сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат менамояд.

**4. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

1. Нуқтаи назари муаллиф оид ба мафҳуми низоми пардохтии ғайринақдӣ пешниҳод гардидааст, ки ин низоми иҷрои амалиётҳои молиявӣ ба воситаи техника ва технологияи муосири иттилоотию коммуникатсионӣ бидуни иштироки бевоситаи пули нақд буда, бо принсипҳои саривақтӣ, таъминокӣ, мунтазамӣ, бехатарӣ асос ёфта, раванди иҷрои он бо қонунҳои давлатӣ ва қоидаҳои бонкӣ бо назардошти пешрафти илму техника танзим ва такмил карда мешавад;

2. Усулҳо ва роҳҳои рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ва иқтисодиёти рақамӣ дар кишварҳои пешқадами ҷаҳон ва минтақа таҳлил шуда, бо нишондиҳандаҳои кишвар муқоиса карда шудаан;

3. Арзёбии тамоюли вазъи воқеии истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар таҳлилу таҳқиқ гардида, нишондиҳандаҳои асосии таъсири пардохтҳои ғайринақдӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва кам намудани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ муайян, киёс ва баҳодиҳию

натиҷагирӣ карда, барои дар оянда беҳтар намудани нишондиҳандаҳо, таклифу пешниҳодҳои асоснок коркард шудаанд.

4. Омилҳое, ки ба рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ва иқтисоди рақамӣ дар кишвар таъсир мерасонад ошкор ва гурӯҳбандӣ шуда, мушкилоти асосӣ вобаста ба кам истифода гардидани низоми пардохтии ғайринақдӣ муайян гардидааст ва дар натиҷа алгоритми пайдарҳамии таъмини рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ пешниҳод шудааст.

5. Самтҳо ва роҳҳои асосии мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ бо назардошти вазъи муосири иқтисодӣ-иҷтимоӣ, дар доираи тибқи иқтисоди рақамӣ бо истифода аз технологияҳои муосир васеъ истифода намудани пардохтҳои ғайринақдӣ ва дастрасии фарогир ба он таҳия ва асоснок гардидааст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда, андешаҳои назариявӣ, хулосаю пешниҳодҳои мушаххаси дар диссертатсия овардашуда дар рушду густарииши назариявии низоми пардохтии ғайринақдӣ саҳмгузор хоҳад шуд. Ҳамчунин ҷанбаҳои назариявӣ ва таснифоди низоми пардохтии ғайринақдӣ, дақиқгардонии моҳияти иқтисодию иҷтимоии мукаммалгардонии низоми пардохтҳои ғайринақдӣ, муайян ва асосноккунии заминаҳои институтсионалӣ ва инфрасохтории ташаккулёбӣ ва рушди пардохтҳои ғайринақдӣ, пешниҳодҳои вобаста ба ташаккули стратегияи рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, ҳаҷми кофии маводҳо, дараҷаи баланди асоснокӣ ва эътимоднокии кори диссертатсионии Ализода Шавкат Шаробудинро исбот менамояд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифода онҳо**. Муқаррароти кори диссертатсионӣ барои васеъ намудани ҷанбаҳои методӣ, методологӣ ва илмии таҳқиқот дар самти «Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ», баландбардорӣ, эътимоднокӣ ва боварии шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ ба ташкилотҳои қарзию молиявӣ, чандин бор зиёд намудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулӣ ва ҳалли мушкилотҳои дар гардиши пул ҷойдошта саҳми арзанда мегузоранд.

**6. Аҳамияти амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқот.** Истифодабарии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, тавсияҳо, чорабиниҳои пешниҳодшуда, роҳҳо, заминаҳо ва равандҳои мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ дар шароит ва рушди иқтисодиёти рақамии дар фаъолияти амалии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, соҳибкорон, шаҳрвандон аҳамияти иқтисодию иҷтимоӣ дошта, ба пастшавии хароҷотҳои хизматрасониҳои ташкилотҳои

қарзии молиявӣ, сарфаи вақт ва хароҷотҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ҳангоми иҷро намудани уҳдадориҳои молиявӣ мусоидат менамояд.

**7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мақолаҳои интишоршудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА эътирофшуда чоп карда шудаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, семинарҳо ва дигар чорабиниҳо илмӣ муҳокима шудаанд.

**8. Мутобиқати баррасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи Ализода Шавкат Шаробудин ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар шӯрои диссертатсионӣ ва ба дигар талаботҳои Низомномаи «КОА»-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**8. Натиҷаҳои кор, ҷамъбаҳои мусбӣ ва норасогиҳо.** Кори тақризшаванда аз муққадима, 3 боб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 203 номгӯй, дар ҳаҷми 197 саҳифаи матни компютерӣ, 27 ҷадвал, 25 расм, 19 диаграмма ва 4 замима иборат мебошад.

Дар **муққадимаи кор** масъалаҳои зерин ҳаллу фасл шудаанд: мубрамии мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқии мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, мақсад, вазифа, объект ва мавзуи таҳқиқот, фарзия, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, сарчашма ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва дараҷаи эътимоднокии ва мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳо ва интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.

Дар боби якум **«Заминаҳои назариявӣ - методии ташаккул ва рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ»** асосҳои консептуалии ташаккул ва рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ, заминаҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди пардохтҳои ғайринақдӣ ва таҷрибаи байналмилалии ташаккул ва рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ таҳқиқ шудаанд.

Дар зербанди 1.1 нуқтаи назари олимони ватанӣ ва хориҷи дуру наздик оид ба масъалаҳои низоми пардохӣ, низоми пардохтии ғайринақдӣ, шакл ва мазмуни пардохтҳо, таҳлилҳо, муносибатҳои пулӣ, тамоюли тағйирёбии таърихи пайдоиши низоми пулӣ ва пардохти нақдию ғайринақдӣ оварда шудаанд. Дар ин зербанд дуруст қайд шудааст, ки раванди таърихии пайдоиши

муомилоти молию пулӣ, ки аввал тарзи ҳисоббаробаркуниҳо дар заминаи ивази молҳои муайян ва пайдоиши тангаҳои мисин, нуқрагин ва баъдан тиллоӣ зуҳур карда, бо назардошти талабот баъдан такмил ёфта, шаклҳои нави пардохти пулӣ ба миён омад. Бо гузаштани вақт ва зарурати иқтисодию иҷтимоӣ, аз ҷумла тезонидани амалиётҳои пулию молӣ, таъмини бехатарӣ, кам намудани хароҷотҳои нигоҳдорӣ ва бо гардиши истеҳсолот ворид намудани воситаҳои пулӣ, шаклу воситаҳои наву ҳисоббаробаркуниҳо рушд карда истодаанд.

Дар зербанди 1.2 «Заминаҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди пардохтҳои ғайринақдӣ» моҳияти заминаҳои институтсионӣ дар рушду ташаккулёбии низоми пардохтҳои ғайринақдӣ муайян шуда, нақши яке аз институтҳои калидӣ - Бонки миллии Тоҷикистон чунин арзёбӣ шудааст: «Таъмини фаъолияти самаранок ва мунтазами низоми пардохти яке аз вазифаҳои Бонки миллии Тоҷикистон мебошад. Аз ин сабаб, Бонки миллии Тоҷикистон ба рушди низоми пардохти таваҷҷуҳи хос дода, ҷиҳати ташкили фаъолияти низоми самараноку боэътимоди пардохтӣ, клиринг, ҳисоббаробаркунӣ ва интиқоли маблағҳои пулӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таъмини пайвастаи заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва институтсоналии низоми пардохтӣ татбирҳо андешида, дар ин замина фаъолияти онҳоро танзим ва назорат менамояд». (саҳ.34)

Дар зербанди 1.3 таҷрибаи байналмилалии ташкил ва рушди пардохтҳои ғайринақдӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ баррасӣ шудааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Таҳлили вазъи муосир ва тамоюли рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба таҳлили марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар Тоҷикистон, баҳодиҳии тамоюли рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар давраи муосири Тоҷикистон ва самараи иқтисодию иҷтимоии низоми пардохтии ғайринақдӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар шароити муосир, бахшида шудааст.

Дар зербанди 2.1 муаллиф марҳилаҳои ташаккул ва рушди низоми пардохтии ғайринақдиро ба монанди марҳилаҳои рушди низоми бонкӣ ба чор марҳила ҷудо намудааст, ки марҳилаи якум ба солҳои 1991-2000 ҳамчун давраи бавуҷудоӣ, марҳилаи дуюм ба солҳои 2001-2005, ҳамчун марҳилаи ташаккулёбӣ, марҳилаи сеюм ба солҳои 2006-2015, ҳамчун марҳилаи пайдоиши воситаҳои нави пардохтии ғайринақдӣ, ва марҳилаи чорум солҳои 2016- то инҷониб, ҳамчун марҳилаи рушд ва такомули низоми пардохтии ғайринақдӣ арзёбӣ шудааст.

Дар диссертатсия дуруст қайд шудааст, ки низоми пардохтии ғайринақдӣ, ки яке аз ҷузъҳои калидии низоми бонкӣ буда, дар фазои мураккаби

иқтисодиёти кишвар солҳои 1991-2000 (марҳилаи якум) дар шароити низоъҳои сиёсӣ ва номуйяниҳо дар низоми иқтисодӣ оғоз гардид. Дар ин давра, ба ғайр аз мушкилиҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, коста гардидани робитаҳои иқтисодию молиявӣ бо кишварҳои хориҷӣ, мавҷуд набудани қонунгузории бонкӣ, низоми пардохтӣ ва зиёда аз ин пули ягонаи миллӣ ҳамчун воситаи пардохт ба рушди устувори низоми бонкӣ монеа эҷод менамуд.

Бо мақсади ба эътидол овардани вазъи макроиқтисодӣ, таъмини рушди низоми бонкӣ, танзими сиёсати пулию қарзӣ ва амалиётҳои молиявӣ бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 10 майи соли 1995 аввалин пули милӣ – «рубли тоҷикӣ» ва санаи 20 октябри соли 2000 воҳиди нави пули миллӣ «сомонӣ» ба муомилот бароварда шуд, ки ба ташкили сиёсати мустақили пулию қарзӣ ва инкишофи низоми молиявӣ замина гузошт.

Дар зербанди 2.2 тамоюли рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар давраи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва баҳодиҳӣ шудаанд.

Дар диссертатсия дар шакли ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва расмҳо тамоюли сохтори низоми бонкии кишвар (ҷадвали 2.1), нишондиҳандаҳои асосии бозори кортҳои пардохтии бонкӣ (ҷадвали 2.2), афзоиши шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ (диаграммаи 2.1), ҳиссаи кортҳои пардохтӣ дар минтакаҳои ҷумҳурӣ (диаграммаи 2.2), таносуби кортҳои бонкии пардохтии фаъол ва ғайрифаъол (диаграммаи 2.3), ҳаҷми амалиётҳо ва истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ва ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ (диаграммаи 2.4), рушди инфрасохтори пардохтӣ дар ҷумҳурӣ (ҷадвали 2.3), истифодабарии терминалҳои электронӣ (диаграммаи 2.5), таксимоти нуқтаҳои дастрасӣ аз рӯи минтақаҳо бо миллион нафар аҳолӣ дар соли 2020 (ҷадвали 2.4), динамикаи рушди инфрасохтори пардохтӣ (диаграммаи 2.6), инфрасохтори пардохтӣ барои қабул ва хизматрасонии кортҳои пардохтӣ дар минтақаҳо (расми 2.2), микдори суртаҳисобҳои бонкӣ (ҷадвали 2.5), тамоюли ҳаҷми гардиши савдои чакана ва ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар он (ҷалвали 2.6), тамоюли афзоиши ҳаҷми пули миллӣ ва пули нақдӣ берун аз бонкҳо (расми 2.11), тамоюли тағйирёбии унсурҳои асосии пулӣ (ҷадвали 2.7), тамоюли тағйирёбии ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар соҳаи савдо ва хизматрасониҳо (ҷадвали 2.8) ва ғайра таҳлил ва таҳқиқ шудаанд. Маводҳои дар ҷадвалҳо, расмҳо ва диаграммаҳо овардашуда ва таҳлили онҳо аз тамоюли рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар ҷумҳурӣ хуб дарак дода, сатҳи баланди илмию таҳлилии кори иҷрошударо нишон медиҳад.

Дар зербанди 2.3 масъалаҳои самаранокии иқтисодию иҷтимоии низоми пардохтии ғайринақдӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар шароити муосир арзёбӣ шудааст.

Муаллиф қайд намудааст, ки афзоиши пардохтҳои ғайринақдӣ ба рушди иқтисодиёт ва маҷмуи маҳсулоти дохилӣ таъсири бевосита дорад, зеро муомилоти пулию молии ғайринақдӣ камхарҷ буда, шаффофияти равандҳои иқтисодию молиявиро барои андозбандӣ таъмин менамоянд. Дар диссертатсия дар расми 2.3 (саҳ 119) роҳҳои таъсири пардохтҳои ғайринақдӣ ба рушди иқтисодӣ оварда шудаанд, ки қобили дастгирии истифодабарӣ мебошанд.

Боби сеюми таҳқиқот **«Самтҳои асосии рушди низоми пардохтҳои ғайринақдӣ дар Тоҷикистон»** масъалаҳои ташаккули стратегияи рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, таъсири низоми пардохтии ғайринақдӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ ва тадбирҳои вусъат бахшидани пардохтҳои ғайринақдӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ ҳамаҷониба таҳлилу таҳқиқ шудаанд.

Дуруст қайд шудааст, ки рушди минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ, рақамикунонии соҳаҳои иқтисодиёт, пешрафти техникаю технология, рушди истеҳсолот, рақобати ҷаҳонӣ, ҳар рӯз пайдо шудани шаклҳои нави пардохт зарурати афзоиши самаранокии гардиши маблағҳо ва зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро дар ҳаҷми умумии муомилоти пулӣ талаб менамояд (саҳ.127).

Дар асоси омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ муаллиф тавонистааст, ки самтҳои афзалиятноки рушди низоми пардохтии ғайринақдиро муайян ва пешниҳод намояд. Дар диссертатсия самтҳои рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ, ташаккули ҳадафу мақсадҳо ва ғайра дар расми 3.4 (саҳ 136) оварда шудаанд. Ҳамчунин, муаллиф омилҳои рушди низоми пардохтии ғайринақдиро ба монанди кадрӣ, институтсионалӣ, илмию техникӣ, иттилоотию инноватсионӣ ва инфрасохторӣ номбар ва таъсири онҳоро асоснок кардааст (137-138).

Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ, рақамикунонии тамоми пардохтҳои давлатию ғайридавлатӣ дар навбати аввал ба расмикунонии «Иқтисоди ғайрирасмӣ» оварда расонида, ҷомеаро аз омилҳои номатлуб  чун «коррупсия» раҳо бахшида, бо назардошти фароҳамоварии шароити баробари рақобат дар бозор барои рушди бахши хусусӣ, афзуншавии пояи андозбандишавандаи иқтисод, афзуншавии қисми даромади буҷети давлатӣ ва дар маҷмуъ ба баланд гардидани сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат мекунад.

Дар қисми хулоса натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудаанд.

**9. Камбудию норасогиҳои кори диссертатсионӣ**

Дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудию норасогиҳо ҷой доранд:

1. Яке аз масъалаҳои муҳими низоми пардохтии ғайринақдӣ дуруст муайян намудани ҳаҷми пули зарурӣ барои таъмин намудани муносибатҳои бемайлони пулию молӣ мебошад. Дар ин раванд дар саҳифаи 21 муаллиф ҳаракат кардааст, ки миқдори пулӣ дар муомилот зурурииро асоснок намояд. Хуб мешуд, агар муаллиф дар ҳалли ин масъала қонуни иқтисодии «муомилоти пулӣ»-ро, ки К.Маркс кашф кардааст, истифода мебурд;

2. Дар саҳифаи 24 дар ҷадвали 1.1 шаклҳои ҳисоббаробаркунӣ дар давраҳои гуногун оварда шудааст. Вале норасогӣ ё бартарии шаклҳои алоҳидаи ҳисоббаробаркунӣ таҳлил нашудааст. Бояд пас аз ҳар ҷадвал ва расм таҳлил ва хулосабардорӣ бошад;

3. Самаранокии фаъолияти низоми пардохтӣ, алалхусус низоми пардохтии электрониро дар саҳ 91 бо нишондиҳандаҳои зерин: шумораи ташкилотҳои қарзии молиявии фаъолияткунанда, сатҳи дастрасии аҳолӣ ба хизаматрасониҳои саривақтию босифати молиявӣ, шумора ва ҳаҷми воситаҳои пардохтии истифодашуда, миқдори суратҳисобҳои бонкӣ, рушди инфрасохтори пардохтӣ, шумораи ҳамиёнҳои электронӣ ва ғайра арзёбӣ шудааст. Ба ақидаи мо нишондиҳандаҳои номбурда фақат рушди низоми пардохтиро ишора мекунанад. Самаранокиро бо рақамҳои конкретӣ, муқоисаи хароҷоту даромад, сарфа кардани шумораи кормандони соҳа, сарфа кардани вақти хизматрасонӣ муайян кардан мумкин. Шояд муаллиф самаранокии иҷтимоиро дар назар дорад.

4. Мутобиқи рақамҳои дар ҷадвали 2.1 (саҳ 93) овардашуда, шумораи бонкҳо дар соли 2021-ум 5 адад, ташкилотҳои маблағгузории хурд дар чор соли охир 18 адад кам шудаанд. Сабабҳои камшавӣ ва номгуйи ташкилотҳои қарзии молиявӣ, хусусан бонкҳо номаълум. Ҳамчунин дар ҷадвали 2.2. шумораи бонкҳо дар соли 2022 ба 21 адад расидааст муқобили 14 ададi соли 2021 (ҷадвали 2.1.). Савол меояд кадом бонкҳои нав дар соли 2021 ба миқдори 7 адад пайдо шудаанд.

5. Гуфтаи муаллиф дар саҳ 118, ки рушди пардохтҳои электронӣ ба зиёдшавии ҷойҳои корӣ мусоидат намудааст, баҳсталаб мебошад. Ба ақидаи мо рушди пардохтҳои электронӣ яке аз омилҳои ихтисоршавии ҷойҳои корӣ дар ташкилотҳои қарзӣ мебошад.

6. Хулосаҳои баъзе зербобҳо ва бобҳо (зербоби 1.1., зербоби 1.3., боби дуюм) хело кутоҳ ва нокифоя.

Эроду дархостҳои болозикр сатҳи баланди назариявию амалии таҳқиқоти Ализода Шавқат Шаробудинро коҳиш намедиҳанд, чунки онҳо баъзе тавсиявӣ, дигаре баҳсталаб мебошанд.

Дар умум, диссертатсияи Вализода Шавқат Шаробудин таҳқиқоти ҷиддии илмӣ-амалӣ буда, дорои навгониҳои илмӣ, тавсияҳо ва пешниҳодҳои методӣ ва амалӣ дошта, мустақилияти унвонҷуйро дар масъалаҳои таҳқиқи мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ, роҳҳо, равандҳо ва заминаҳои ҳалли мушкилотҳои низоми пардохтии ғайринақдӣ дар кишвар муаррифӣ намудааст. Автореферат ва мақолаҳои илмии нашршуда мазмуни асосии диссертатсияро дар худ инъикос намудаанд.

Аз нигоҳи мазмуни илмӣ, мундариҷа ва шакли баён диссертатсияи Вализода Шавқат Шаробудин дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ» кори илмии тахассуси буда, дар ҳалли муамои илмӣ, ки аҳамияти муҳими афзалиятнокро дар рушди бозори пардохтии ғайринақдӣ доро аст, ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Вализода Шавқат Шаробудин сазовори гирифтани дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.07 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
профессори кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи славянии Россия ва
Тоҷикистон **Султонов З. С.**

**Суроға**: ш. Душанбе, к. М. Турсунзода, 30
**Почтаи электронӣ**: sulton@mail.ru, **Тел: (992) 37221-35-50**

Имзои профессор З. Султоновро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо **Раҳимов А. А.**